**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и., профессор
_____________ Хайрзода Ш.Қ.
«__»________________с.2024

## ХУЛОСАИ

**ҷаласаи якҷояи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара**

**Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон (Абдулҳақов Орзу Шодмонович) дар мавзуи « Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.**

Дар рафти пажӯҳиши мавзӯи диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон (Абдулҳақов Орзу Шодмонович) унвонҷӯи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара ба шумор меравад.

Шодмонзода Орзу Шодмон (Абдулҳақов Орзу Шодмонович) соли 2008 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои "Таърих ва фалсафаи илм" ва "Забони англисӣ" тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии Донишгоҳи давлатии Данғара супорида шудааст. Ба довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 18-уми июли соли 2024, №1276 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих прафессор Убайдулло сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсия ва ризояти роҳбари илмии унвонҷӯ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 14 февралисоли 2017, таҳти №6 тасдиқ гардидааст.

**Баҳо ба рисолаи унвончӯ.**

Диссертатсияи Шодмонзода О.Ш., дар мавзуи « Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлол » ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтааст.

**Мутобиқати мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба татбиқи муқараршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия** ба зербанди 5-уми банди 4-5-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентиябри соли 2020, №503)” иртибот дошта, масъалаи гиромидошти таърихи пурғановати миллати тоҷик ва таҳқиқи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо ба даст овардани истиқлол марҳалаи комилан нав дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик ибтидо мегирад. Зеро соҳибистиқлолӣ ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, метод ва усулҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба вижа маводҳои бойгонӣ имконияти фаррох ва вусъати тоза бахшид. Баробари ин, таърих ва донишҳои таърихӣ ба воситаи муҳимтарини худшиносии миллӣ, ваҳдат ва ягонагии ҷомеаи кишвар табдил ёфтанд.

Омили созанда ва афзояндаи мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар ин, пеша аз ҳама таваҷҷӯҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои таърихӣ, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Ҳамзамон дар замони соҳибистиқлолӣ дар таърихи миллати тоҷик баъди чандин аср манофеъ ва ақидаҳои миллӣ дар сиёсати давлат мақоми калидӣ гирифт ва ин имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон дар пайгирӣ аз сиёсати Сарвари давлат бо назардошти манфият ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногун ва норӯшани таърихи миллат ҳаракат намоянд.

Махсусан, дар ин раванд таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони соҳибистиқлолӣ мақоми тоза ва вижа пайдо намуд. Аз ҷумла, мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара равона шудааст, қадаме дар ин самт мебошад. Рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди ноҳия Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқдисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст.

Ноҳияи Данғара соли 1932 дар хайати собиқ вилояти Кӯлоб таъсис ёфта, дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ва ҶШС Тоҷикистон тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳода, ба як минтақаи комилан пешрафта табдил ёфтааст. Ноҳия вобаста ба зуд–зуд тағйир ёфтани сохтори маъмурии ҷумҳурӣ борҳо аз тобеяти як вилоят ба вилояти дигар гузаштааст. Аз ҷумла, соли 1944 аз ҳайати вилояти Кӯлоб ба тобеияти вилояти Қӯрғонтеппа, вале соли 1947 аз нав ба ҳайати вилояти Кӯлоб ҳамроҳ гардидааст. Новобаста аз ин ноҳия дар замон шуравӣ аз як минтақаи рушднаёфтаи Бухорои Шарқӣ ба ноҳияи пешрафта ва яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзи табдил ёфт. Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия комилан дучори таҳаввулот гардид.

Марҳалаи нави рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Данғара низ комилан симои худро дигар намуда, ба минтақаи калони саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

Аммо то имрӯз ташкилёбӣ ва ташаккули ноҳияи Данғара ҳамчун як минтақаи саноатию кишоварзӣ дар доираи як рисолаи таҳқиқотӣ қарор нагирифтааст. Гарчанде то имрӯз доир ба таърихи ноҳияи Данғара мақолаву китобҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ таълиф ёфтаанд вале онҳо таърихи ташкилёбӣ ва рушди ноҳияро ба шакли комил дар заминаи манобеи таърихӣ иникос карда наметавонанд.Мубрамияти интихоби мавзӯи мазкур боз дар он зоҳир меёбад:

метавон инъикоси дигаргунисозиҳои ҷиддии сиёсӣ, иқдисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии дар сад соли охир ба даст овардаи халқи тоҷикро дар мисоли таърихи ноҳияи Данғара тасвир намуд;

- минтақаи Данғара дар арафаи барқарорсозии Ҳокимяти Шуравӣ яке аз минтақаҳои ақибмондаи Бухорои Шарқии аморати Бухоро буд ва дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ба маркази алоҳидаи маъмурӣ ва ноҳияи пешрафтаи соҳаи кишоварзӣ табдил ёфт. Таҷрибаи

таърихии раванди ин дигаргунсозиҳо барои дарки таърихи гузашта ва корҳои бунёдкунандаву созандаи имрўза дорои аҳаммияти вижа мебошад;

- дар кўтоҳтарин муддат бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва фазои озоду мусоиди соҳибдавлатӣ новобаста аз мушкилоту маҳдудиятҳои дохилию берунӣ ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваҳдату ягонагӣ ва таъсири он дар мисоли рушди як ноҳия муҳимтарин нишондиҳандаи дастовардҳои беназири халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад;

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти рисола инъикоси таърихи ташакулёбӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара ҳамчун як минтақаи ҷуғрофию маъмурии ҷумҳурӣ дар замони шуравӣ ва давраи Истиқлол мебошад. Барои амалӣ намудани ҳадафҳои дар пеш гузошта, омўзиш ва баррасии масъалаҳои зерин зарур дониста шуданд:

- омўзиши мавқеи ҷуғрофию маъмурии Данғара ва хусусиятҳои хоси он;

- ташкил ёфтани ноҳияи Данғара ҳамчун як воҳиди маъмурӣ ва шароити иқтисодию иҷтимоии ноҳия дар замони шуравӣ;

- муайян ва асоснок намудани манобеъ ва иқтидори истеҳсолии ноҳия;

- инъикоси руши мактабу маориф ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолии ноҳия;

- тасвири ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара ва дастовардҳои он дар замони шуравӣ;

- буҳрони иқтисодию иҷтимоии ибтидои давраи Истиқлол ва таъсири он ба ноҳия;

- инъикоси тадбирҳо ва омилҳои асосии ба маркази саноатӣ табдил додани ноҳия дар замони Истиқлол;

- ислоҳоти соҳаи аграрӣ ва таъсири он ба вазъи кишоварзии ноҳия дар даврони соҳибистиқлолӣ;

- инъикоси раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули низоми таҳсилоти касбӣ дар ноҳия;

- баррасии таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани ин мақсад вазифаҳои зерин иҷро шудаанд:

- муайян ва баррасӣ намудани ҳаёти сиёсии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозии шуравӣ нақши он дар бедории миллии тоҷикон ва паёмадҳои он дар ҳаёти мардуми кишвар;

- муайян намудан тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва сабабҳои пастравии некуаҳволии халқ;

- омӯзиши вазъи иқтисодии мардуми Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000;

- баррасии ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва сабабҳову натиҷаҳои он;

- омӯзиши татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ;

- омӯзиши сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст ташкилёбии ноҳияи Данғара, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он ва ба маркази калони кишоварзи саноатӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Гарчанде таҳқиқот ду марҳалаи таърихиро фаро мегирад ва онҳо аз рӯи хусусиятҳои худ тафовут доранд, вале маҳз дар ҳамин давра дар ҳаёти иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара таҳаввулоти куллӣ ба миён омад, ки он инъикоси воқеии худро дар нуқтаҳои зерини рисола пайдо намуд:

- бори нахуст омилҳои асосӣ ва сабабҳои рушди иқтисодӣ - истеҳсолии ноҳияи Данғара дар ду марҳалаи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифт;

- ҳаёти иктисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони Шуравӣ бори нахуст ба таври мукаммал матраҳ ва тавсиф гардид;

- сарчашмаҳо ва роҳҳои асосии рушди иқтидори истеҳсолии ноҳияи Данғара, ҳамчун маркази калонтарини кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

- таъсири буҳрони сиёсӣ,иқтисодю иҷтимоӣ ба фарҳангии охири давраи шуравӣ ва ибтидои замони соҳибистиқлолӣ ва ноҳия мавриди баррасӣ қарор гирифт;

- таҳаввулоти ҷиддии миқдорӣ ва сифатии дар ҳаёти иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол ба вуқуъ омад, мавриди таҳлилу ташхис қарор гирифт;

- самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои илмию таълими аз ҷумла макотиби олии ноҳия ва раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар замони истиклол муайян ва мавриди таҳқиқ қарор гирифта анд;

- нақши муассисаҳои фарҳангии ноҳия дар тарбияи ҷаҳонбинии дунявӣ ва арҷгузори ба арзишҳои таърихию миллӣ, болоравии сатҳи маърифати аҳолии ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ муқаррар шуд.

**Мутобиқи теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант шаш мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд:

1. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Маориф пояи далат ва давлатдорӣ. // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. №89, Душанбе. 2021 ,С.278-280. ISSN 2219–5408.
2. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.). Шаклҳои пебурди истеҳсоли кишоварзӣ ва мақоми онҳо дар ислоҳоти институтсиявӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. № 9,(1).-Данғара, 2021.– С. 145–150. ISSN 2707–9562.
3. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.). Рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар солҳои 50-ум ва 80-уми асри ХХ (дар мисоли ноҳияи Данғара) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, .№ 7, Душанбе,2021.– С. 90-101. ISSN 2074–1847.
4. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон .№ 1. Душанбе,2022.– С. 84–87. ISSN 2074–1847.
5. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Ба маркази саноатӣ табдил ёфтани Данғара. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, .№ 7,-Душанбе,2022.– С. 84–87. ISSN 2074–1847.
6. Д.и.т,. прафессор Убайдулло Н. К,. Шодмонзода О. Ш. (Абдулҳақов О. Ш.) Дастовардҳои кишоварзони ноҳияи Данғара дар замони истиқлол. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №12, -Душанбе, 2024. – С. 71-74. ( ISSN2074-1847 )

**Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърӯзаҳо:**

[1-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Шаклҳои пебурди истеҳсоли кишоварзӣ ва мақоми онҳо дар ислоҳоти институтсиявӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. № 9,(1). -Данғара, 2021.– С. 145–150. ISSN 2707–9562.

[2-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Эмомалӣ Раҳмон ва сҳми он дар пешрафти соҳаи илм ва маориф(Дар мисоли ноҳияи Данғара) Мақолоти таърихи. Маводи конфиренсия ҷумҳуриявӣ. Душанбе,2022. с.144-1149.
[3-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.). Сохтмони авалин нақби иригатсиони дар н. Данғара. Масъалаҳои мубрами тибби муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо.ДДТХ.Данғра 2022.с.375-375.
[4-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) Дастовардҳои фарҳангии Данғара дар замони истиқлолият . Маводи конфиренсиявӣ . Аҳмити таърихи Иҷлоси 16-уми шурои оли дар мустаҳкам гардонидани пояҳои истиқрори давлати. ДДОТ. Душанбе-2022
[5-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.). Асрори номи Данғара. Маводи конференсияи умумидонишгоҳӣ дар мавзӯи «Соли 2018 рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ». ДДД. Данғара, 2018. с.127-128.
[6-М]. Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.)Таносуби сиёсат вафалсафа дар артхашастра. Маводи конфиренсияи байналмилалӣ Масъалаҳои мубрами тиб ва таҳсилоти тиббӣ. ДДТХ.Данғара.2020.с 342-344.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гиррифтааст. Рисола дар маҷлиси васеъи кафедраҳои таърихи умумӣ ва фанҳои гуманитарии факултети идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи ДДД муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 12 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардидаро мақомоти давлатӣ барои тартиб додани барномаҳои ҳукуматӣ оид ба рушди стратегии ҷумҳурӣ истифода намоянд. Илова бар ин, тавсияҳои пешниҳодшударо метавон барои муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини рушди саноат ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ки пойгоҳи асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, истифода бурд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавонад муҳаққиқони соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таърихи ватанӣ истифода намоянд. Дар омода намудани воситаҳои таълимиву методӣ, курси лексияҳои фанҳои таърих аз ҷумла таърихи умумӣ, таърихи ИҶШС Тоҷикистон, таърихи муосири

Тоҷикистон, таърихи халқи тоҷик, таърихи фарҳанги халқи тоҷик ва ғайра метавон истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи баррасишуда кори илмии мустақилона анҷомдодаи муаллиф буда, дар асоси меъёрҳои таҳияи диссертатсия омода гардидааст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ барои дифо ба Шурои диссертатсионии дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърихи умумӣ ва фанҳои гуманитарии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давалтии Данғара,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш.) дар мавзуи « Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлол » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Шодмонзода О. Ш.(Абдулҳақов О. Ш дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос тавсия карда мешавад.

Хулоса, дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ ва таърихи умумии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шуд.

Дар маҷлис 24 нафар аъзоёни кафедраи таърихи умумӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ, ки аз онҳо 1 нафар доктори илм, 7 нафар номзадҳои илм, 11 нафар саромӯзгорон 6 нафар ассистентҳо, инчунин мутахассисон аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – д.и.т., профессор, Намоз Ҳ. н.и.т. Ғафуров А., н.и.т. Мирзоев Ҷ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 24 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №11 аз 22-уми июни соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.т., мудири кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Алишери Амирхон

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Таваров Ф.Ф.

Имзои Алишери А. ва
Таваров Ф.Ф. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО

22.06.2025

**Нишонӣ:** 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ- 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru